«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
Насриддинзода Э.С. ________________
«___5___»_____11_____________ с. 2025

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи Исозода Файзиддин Исо дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот: проблемаҳои назариявӣ ва амалӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро гардидааст.

Дар давраи омодасозии диссертатсия Исозода Файзиддин Исо ҳамчун унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ҳисоб мерафт.

Исозода Файзиддин Исо соли 2014 ба факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ба ихтисоси ҳуқуқшиносии умумӣ дохил шуда, онро соли 2019 хатм намудааст.

Номбурда бо фармоиши ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 21 январи соли 2023, таҳти №18-05 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул шудааст.

Мавзуи диссертатсия дар ҷаласаи Шурои олимони факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2023, №5 тасдиқ карда шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** Давлатзода Комрон Давлат - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ аз 25 октябри соли 2025, №91 аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода шудааст.

Диссертатсияи Исозода Файзиддин Исо дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 30 октябри соли 2025, №3 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсияи Исозода Файзиддин Исо дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот: проблемаҳои назариявӣ ва амалӣ» чунин хулоса қабул карда шуд:

1. **Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия.** Диссертатсияи Исозода Файзиддин Исо дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот: проблемаҳои назариявӣ ва амалӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро гардида, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ буда, ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия мутобиқат менамояд.

2. **Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи «Барномаи давлатии муқовимат бо ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030» ва корҳои илмӣ-таҳқиқотии назди

кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, анҷом дода шудааст.

**3. Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 12 мақолаи илмӣ нашр карда шудаанд, ки 3 адади онҳо дар маҷаллаҳои такризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд. Мақолаҳои нашргардида, фарогирандаи мазмун ва моҳияти таҳқиқоти диссертатсионӣ мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикос ёфтаанд. Аз ин рӯ, мутобиқати миқдорӣ ва мазмунӣ байни интишороти илмӣ, диссертатсия ва автореферат комил арзёбӣ мегардад. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

**4. Мавҷудияти санадҳои тасдиқкунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо.** Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар он ифода мегардад, ки хулосаҳои назариявиро, ки дар натиҷаи таълифи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба даст оварда шудаанд, метавон дар омӯзиши минбаъдаи масъалаҳои назариявӣ ва амалии ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар давлатҳои хориҷ истифода бурд. Натиҷаҳои таҳқиқот дар фаъолияти қонунгузорӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ (Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон) ва судҳо метавонанд истифода карда шаванд. Ғайр аз ин, ба мақсад мувофиқ аст, ки натиҷаҳои таҳқиқот ҷиҳати мукаммалгардонии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар самти таъмини амнияти иттилоотӣ, дар шароити ҷаҳонишавӣ истифода бурда шавад. Маводи таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонад дар фаъолияти омӯзгорӣ барои таълими фанҳои таълимии «Ҳуқуқи ҷиноятӣ», «Ҳуқуқи иҷрои ҷазои

ҷиноятӣ» ва «Криминология», ҳамзамон барои гузаронидани семинарҳо, конфронсҳо ва «мизҳои мудаввар»-и илмӣ ва корҳои амалӣ муфид хоҳанд буд.

**5. Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Рисолаи номзадии Исозода Файзиддин Исо дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот: проблемаҳои назариявӣ ва амалӣ» дар шароити рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионии электронӣ мубрам арзёбӣ гардида, барои илми ҳуқуқи ҷиноятӣ дар самти таъмини амнияти иттилоотии кишвар аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дорад. Таҳқиқоти диссертатсионӣ бевосита аз ҷониби муаллиф иҷро шудааст, дар доираи пажуҳиш мафҳумҳои асосӣ шарҳ дода шуда, тамоюлҳои нав ошкор карда шудаанд, падидаҳои нав муайян гардида, роҳҳои ҳалли проблемаҳои мубрами дар ин самт ҷойдошта дар доираи муқаррароти илмӣ нишон дода шудаанд, хулосаҳо ва пешниҳодҳо дар интишороти илмии муаллиф аз рӯйи мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ дарҷ гардидаанд. Таҳқиқоти мазкур яке аз аввалин таҳқиқоти мукаммали илмӣ дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ мебошад, ки ба баррасии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот: проблемаҳои назариявӣ ва амалӣ бахшида шудааст. Дар натиҷаи таҳлилу омӯзиши ҳамаҷониба, муаллиф хулосаҳои нави илмӣ ва пешниҳодҳои мушаххасро манзур намудааст, ки барои рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва такмили қонунгузории амалкунанда дар ин самт аҳаммияти бузург дорад. Масалан:

1. Асоснок карда шудааст, ки таърихи ташаккули қонунгузории ҷиноятӣ вобаста ба ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот давраи тулониро фаро намегирад, зеро содиршавии он ба ташаккули технологияҳои иттилоотию коммуникатсионии электронӣ вобастагии зиёд дорад аз ин лиҳоз ташаккули қонунгузории ҷиноятиро дар ин самт маҳз аз соли 1917 бо муқаррар гардидани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои интиқол додан ё нигоҳ доштани иттилои дорои сирри давлатӣ бо мақсади додани онҳо ба давлатӣ хориҷӣ, ишора намуд;

2. Рушди қонунгузории ҷиноятиии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар танзими ҳуқуқии ин ҷиноят вобаста ба хусусиятҳои фарқкунанда ба ду марҳила ҷудо гардидааст:

а) марҳилаи якум аз соли 1917 то соли 1998-ро фаро мегирад, ки намудҳои зерини ҷазоро аз ҷумлаи: маҳрум сохтан аз озодӣ аз 7 то 15 сол, ҳукми қатл ва мусодираи молу мулк. Дар баъзе мавридҳо кирдор аз тарафи субъектҳои гуногун (аз ҷумла, субъекти махсус ва субъекти умумӣ) содир мешуд, вале ҷазо барои ин гуна кирдорҳо як хел буд. Дар ҳамаи давраҳои ташаккули қонунгузории ҷиноятӣ, тарафи объективӣ дар намуди кирдорҳои барои ҷамъият хавфнок, аз қабили ғайриқонунӣ гирифтан, нигоҳ доштан ё ифшои маълумоти дорои сирри давлатӣ ва ҳарбӣ пешбинӣ шуда буд.

б) марҳилаи дуюм аз соли 1998 то инҷониб, яъне бо қабул гардидани КҶ ҶТ соли 1998 ифода мегардад, зеро рушди босуръати технологияҳои иттилоотию коммуникатсионии электронӣ ва фазои маҷозӣ таҳаввулоти босуръати шабакаи ҷаҳонии интернетро муқаррар карда, зарурати таваҷҷуҳи махсусро ба соҳа талаб намуд. Хусусиятҳои КҶ ҶТ соли 1998 дар он ифода мегардад, ки он доира васеи муносибатҳои ҷамъиятиро аз қабили нусхабардории ғайриқонунӣ ё бо дигар усули ғайриқонунӣ бо даст овардани иттилоот, ки дар система ё шабакаи компютерӣ ё дар маҳзани мошинҳо мавҷуданд, ҳамчунин дошта гирифтани иттилооте, ки ба воситаи алоқаи компютерӣ фиристода мешаванд, фарои гирифта дар фарқият аз қонунгузории ҷиноятии замони шуравӣ бо объект, тарафи объективӣ, субъект тарафи субъективӣ ва таъйини ҷазо тафовут дорад. Чунончӣ, агар қонунгузории ҷиноятии замони шуравӣ субъекти ин кирдори барои ҷамъият хавфнокро умумӣ ва махсус муқаррар карда буд, пас дар қонунгузории ҷиноятии замони муосир субъекти ин ҷиноятро шахси мукаллафи ба синни 16-солагӣ расида муқаррар намудааст;

3. Дар рисолаи илмӣ асоснок гардидааст, ки Кодексҳои ҷиноятии ҶШФСР солҳои 1922 ва 1926, Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон аз соли 1935 ва КҶ ҶШС Тоҷикистон соли 1961, сарфи назар аз он ки меъёрҳои ҳаммонанд дар бораи

ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот дар моддаҳои алоҳида ҷойгир бошанд ҳам, вале мазмуни онҳо кариб, ки аз якдигар тафовут надорад. Дар ҳамаи онҳо тарафи объективӣ дар намуди дуздидан, интиқол додан ё нигоҳ доштани иттилои дорои сирри давлатӣ бо мақсади додани онҳо бa давлати хориҷӣ, пешбинӣ шуда буд;

4. Дар асоси таҳлили диспозитсия моддаи 301 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми зерини ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот пешниҳод гардидааст: «ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот – ин гирифтани иттилоот бе ризоияти шахси истифодабарандаи он, ворид гардидан ба маълумоти махфӣ, ғайриқонунӣ дастраси пайдо намудан ба системаҳо, додаҳо, барномаҳо ва иттилооте, ки дар хотираи воситаҳои гуногуни техникӣ маҳфузанд».

Диссертатсияи Исозода Файзиддин Исо дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот: проблемаҳои назариявӣ ва амалӣ», ба ихтисоси интихобшуда пурра мутобиқат мекунад.

Мавзуи диссертатсия ба ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 5.5.8 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мутобиқат мекунад.

Диссертатсия аз муқаддима 3 боб 7 зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва руйхати адабиётҳои истифодашуда иборат мебошад.

Вобаста ба мавзуъ ва масоили таҳқиқи диссертатсионӣ 12 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 3-то дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор гардидааст, ки ҳаҷми умумии онҳо 5, 68 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад.

Мундариҷаи асосии таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар таълифоти зерин инъикос ёфтааст:

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

[1-М]. Исозода Ф.И. Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қаллобӣ дар соҳаи иттилоот тибқи қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ [Матн] / Ф.И. Исозода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2024 – №9. – С. 302 – 309. ТДУ: 339.9 (575.3); ISSN 2413-5151

[2-М]. Давлатзода К.Д., Исозода Ф.И. Тафриқагузории ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот тибқи қонунгузории ҷиноятии кишварҳои хориҷӣ [Матн] / Давлатзода К.Д., Ф.И. Исозода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2025 – №2. – С. 241 – 247. ТДУ: 343 (575.3); ISSN 2413-5151

[3-М]. Исозода Ф.И. Тавсифи ҳуқуқи-ҷиноятии субъекти ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот [Матн] / Ф.И. Исозода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2025 – №5. – С. 293 – 300. ТДУ: 347 (575.3); ISSN 2413-5151

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**

[4-М]. Давлатзода, К.Д., Исозода Ф.И. Ташаккули қонунгузорӣ дар самти муқовимат бо киберҷиноятҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / К.Д. Давлатзода, Ф.И. Исозода // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба «75-солагии ДМТ», 30-юмин солгарди қабули конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Соли маърифати ҳуқуқи эълон гардидани соли 2024» ва нақши д.и.ҳ., профессор Муллоев М.М. дар рушди илмҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ва криминология //. – Душанбе-2024. – С. 173-180.

[5-М]. Исозода Ф.И. Масъалаҳои ҳуқуқии ҷиноятии ғайриқонуни даромадан ба иттилоот бо истифода аз Интернет [Матн] / Ф.И. Исозода // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба «75-солагии ДМТ», 30-юмин солгарди қабули конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Соли маърифати ҳуқуқи эълон гардидани соли 2024» ва нақши д.и.ҳ., профессор Муллоев М.М. дар рушди

илмҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ва криминология //. – Душанбе-2024. – С. 258-265.

[6-М]. Исозода Ф.И. Таҳқиқоти ҳуқуқии ҷиноятии мафҳуми ғайриқонунӣ бо даст овардани иттилоот [Матн] / Ф.И. Исозода // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ бахшида ба 30-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон гардидани соли 2024 //. – шаҳри Бохтар-2024. – С.317-321.

[7-М]. Исозода Ф.И. Ташаббусҳои минтақавию байналмилалии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти таъмини амнияти иттилоотӣ [Матн] / Ф.И. Исозода // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ бахшида ба 30-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон гардидани соли 2024 //. – шаҳри Бохтар-2024. – С.468-471.

[8-М]. Исозода Ф.И. Дуздии онлайнии иттилоотӣ шахсӣ ҳамчун намуди нави ҷиноятҳое, ки тавассути технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ содир мешавад [Матн] / Ф.И. Исозода // Маводҳои конференсияи байналмилаии илмӣ-назариявӣ бахшида ба 100-солагии Виктор Аркадевич Ойгензихт «Танзими ҳуқуқии сайёҳӣ ва сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ДМТ, 24 октябри соли 2024 //. – шаҳри Душанбе-2024. – С. 226-230.

[9-М]. Давлатзода К.Д., Исозода Ф.И. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот тибқи қонунгузории ҷиноятии кишварҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил [Матн] / К.Д. Давлатзода, Ф.И. Исозода // Маводҳои конференсияи байналмилаии илмӣ-назариявӣ бахшида ба 100-солагии Виктор Аркадевич Ойгензихт «Танзими ҳуқуқии сайёҳӣ ва сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ДМТ, 24 октябри соли 2024 //. – шаҳри Душанбе-2024. – С. 231-234.

[10-М]. Исозода Ф.И. Ҷаҳонишавии проблемаҳои ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот [Матн] / Ф.И. Исозода // Маводҳои конференсияи байналмилаии илмӣ-назариявӣ таҳти унвони «Масъалаҳои мубрами маърифати

ҳуқуқӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ: дастовард ва дурнамо» // Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, – шаҳри Кӯлоб-2024. – С. 90-94.

[11-М]. Исозода Ф.И., Насриддинзода М. Хусусиятҳо, оқибатҳо ва хатари терроризми иттилоотӣ ба амнияти миллӣ [Матн] / Ф.И. Исозода, М. Насриддиинзода // Маводҳои конференсияи байналмилаии илмӣ-назариявӣ таҳти унвони «Масъалаҳои мубрами маърифати ҳуқуқӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ: дастовард ва дурнамо» // Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, – шаҳри Кӯлоб-2024. – С. 94-98.

[12-М]. Исозода Ф.И., Давлатзода Д.Д. Криминологические проблемы предупреждения незаконное получение информации [Матн] / Д.Д. Давлатзода, Ф.И. Исозода // Материалы международной научно-теоретической конференции, посвященной Международному днюѕ прав человека, 30-летию принятия Конституции Республики Таджикистан и объявления 2024 года «Год правового просвещения» //.– город Душанбе - 2024.– С.263-267; ISBN978-99985-0-606-0

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Таҳқиқоти диссертатсионии Исозода Файзиддин Исо дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот: проблемаҳои назариявӣ ва амалӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, кори таҳқиқии анҷомёфта ҳисобида шавад.
2. Диссертатсияи Исозода Файзиддин Исо дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот: проблемаҳои назариявӣ ва амалӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ бо дарназардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя дар Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019- назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул карда шуд.

Иштирок доштанд: ҳамагӣ 20 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 20 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест. Суратҷасала аз 30 октябри 2025, №3.

**Раиси ҷаласа:**
**Мудири кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент** **Раҳмонзода М.Ҷ.**

**Котиби ҷаласа:** **Насриддинзода С.Н.**
**Имзоҳои М.Ҷ. Раҳмонзода ва С.Н. Насриддинзодаро**
**ТАСДИҚ МЕКУНАМ:**
**Сардори РК ва КМ ДМТ** **Шодихонзода Э. Ш.**
**«20» 10 2025 с.**

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ,17
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Телефон: 221-77-11
Факс: 227-15-10
Почтаи электронӣ: info@tnu.tj, сомонаи интернетӣ:www.tnu.tj